# Пешгуфтори тарҷумон

Дар соли 2016 яке аз китобҳои ҷолибе, ки ба мавзуи муҳим ва мубрами замонавии журналистика–чандрасонаӣ (мултимедия) бахшида шуд, кори дастҷамъонаи муаллифонест, ки аксарашон аз таҷрибаҳои амалӣ дар ин соҳа бархурдоранд. Дар нусхаи асл, нисбат ба ин тарҷума ки дар ихтиёри шумост, китоб ҳаҷман бузургтар аст.( Он аз 9 мақола ва дар ҳаҷми бештар аз 300 саҳифа аст).Ба нафароне, ки забони русӣ хуб баладанд, ҳатман тавсия дода мешавад, ки онро дастрас ва ба пуррагӣ бихонанд.

Азбаски аксари муаллифон ва коршиносони китоб шаҳрвандони Русия ҳастанд, табиист ки вазъият ва ҳолати мавҷудаи ин кишварро дар робита ба мавзӯи чандрасонаӣ баррасӣ карданд. Ба андешаи мо, ин ҳолат ва вазъият на ҳамеша бо вазъи мо яксонанд. Аз ин рӯ, мо интихобан он қисматҳои китобро тарҷума намудем, ки ба назари мо, новобаста аз маҳал ва сатҳи рушди журналистикаи чандрасонаӣ, қоидаҳои умумӣ, мушкилот, фаҳмиш ва тавсияҳои амалиро матраҳ намудаанд

Тарҷума ба мақолаҳои Сергей Паранко «Абзорҳо ва маҳорату малакаи журналисти чандрасонаӣ», Наталя Лосева -«Аудиторияи расонаҳои нав», Александр Амзин- «Қолабҳои нави таҷрибавӣ», Оксана Силантева -«Коргардонии сужетҳои чандрасонаӣ» ва Мануэл Кастелс, Майкл Паркс, Брегте ван дер Хаак “Ояндаи журналистика:журналистикаи шабакавист» иктифо намуд.

Қобили зикр аст, ки аксар истилоҳоти байналмилалиро, ҳарчанд ки гоҳе маънаиашонро андаке дар матн шарҳ додем, бидуни тарҷума гузоштем, Ин кор бо ду сабаб сурат гирифт. Аввалан, ба хотири он, ки китоб барои доираи маҳдуд- коршиносон ва мутахассисони соҳа аст ва ба касе пушида нест, ки ҳирфавиён дар зиндагии воқеӣ истилоҳотро ба шакли бештар мустаъмалашон истифода мекунанд ва сонияи, ин равиши кори банда аснои тарҷума аст, ки муътақидам забон бояд зинда бошад ва ба ҳеч ваҷҳ ба таври сунъӣ ё ба хотири иддаои дуруғине, ки «забони мо барои

тарҷумаи ҳама калимаҳо иқтидор дорад», дар пайи тарҷумаи ночаспони мафҳум ва вожаҳои нав бошад. Хуб, агар истилоҳе гузинаи форсӣ- тоҷикии фаҳмо дорад, ҷойи баҳс нест, вожаҳои боло, таъкид мекунам, ба тарҷумаҳои сунъӣ дахл дошт.

Ва азбаски тақрибан кори ҳеҷ тарҷумае бенуқсон нест, мутарҷими китоби мазкур низ изҳори назар ва пешниҳодотро ҳатман ба назар хоҳад гирифт ва кӯшиш хоҳад кард, ки ба қадри имкон дар пайи ислоҳашон бошад.

Бо эҳтиром, мутарҷим.

Хонандаи гиромӣ!

Алҳол суръати тағйирёбиҳо дар олами иттилоот ва расонаҳо ба андозаест, ки сохтани як консепсияи мӯътамад барои пешгуйӣ ва тасаввури возеҳ дар бораи он ки журналистика дар соли 2020 чӣ гуна хоҳад буд, мушкил аст. Аммо борои онҳое, ки дар риштаи рӯзномнигорӣ таҳсил мекунанд, барои омӯзгорони соҳаи иттилоот ва робитаҳо ва борои мутахассисон дарк кардани самтҳои асосии ин тағйирот вазифаи ҷонист. Муаллифони мо- коршиносони расонаҳо ва сарварони ташкилотҳои феълии расонаҳо- нуқтаи назари хешро оид ба ин дигаргуниҳо иброз намуданд, ки аслан фарогири се мавзӯъ аст: маҳорату малакаҳои нави журналистон дар робита ба дигаргуниҳои равиш ва истеъмоли иттилоот аз ҷониби аудиторияи расонаҳои нав; формат(қолаб)-ҳои таҷрибавии нав, маводи чандрасонаӣ, шаклҳо ва таҳияи (режиссураи) онҳо; ва ояндаи журналистика.

Мо тасмим гирифтем услуби муаллифон, консепсия ва сохтори ҳар як бахшро нигоҳ дорем. Боиси сарфарозист, агар шумо аз ҳамсонӣ ва тафовутҳои нуқтаи назари муаллифон баҳогузорӣ намоед

Муҳаррирони илмии китоб<br>
Светлана Балмаева ва Мария Лукина